**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016**
**дар назди Донишгоҳи аграрии**
**Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур**
**(734003, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити гуногуншаклии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои мубрам, ки барои тараққиёти иқтисодиёти мамлакат дар ҳодаи аввал меистад, рушди устувори ҳудудҳои деҳот ва такмили истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва иқтисодии он мебошад. Зарурати он аз таваҷҷуҳи торафт афзояндаи давлат ба мушкилоти ҳудудҳои деҳот дар он, ки бе рушди корхонаҳои деҳотии сектори аграрии иқтисодӣ баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии он имконнопазир аст, ҳамчунин бо сабаби самтгароии механизмҳои мавҷудае, ки махсусияти деҳотро ба ҳисоб намегиранд, вобастагии зич дорад.

Дар автореферати пешниҳодкардашуда муаллиф дар рафти таҳқиқоти гузаронидашуда хулоса намудааст, ки рушди устувори ҳудудҳои деҳот, рушди босуботи хоҷагии деҳот, ки рушди босамари иқтисоди деҳот, ин баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот, нигаҳдории низоми табиию экологии таъминоти зиндагиро иҷро мекунад. Гузарондани чорабиниҳои устуворгардонӣ дараҷаи сармоягузории ҳудудҳои деҳотро бояд баланд бардорад. Дар ниҳоят ин ба ҳар ноҳия ташкил намудани иқтидорҳои захиравию молиявии ҳудудҳои деҳот оварда мерасонад, ки он барои ҳалли вазифаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, яъне, таъмини рушди маҷмӯи низомҳои инфрасохторӣ, ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, расидан ба рушди устувори ҳудудҳои деҳот басанда хоҳад буд.

сармоягузории ҳудудҳои деҳотро бояд баланд бардорад. Дар ниҳоят ин ба ҳар ноҳия ташкил намудани иқтидорҳои захиравию молиявии ҳудудҳои деҳот оварда мерасонад, ки он барои ҳалли вазифаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, яъне, таъмини рушди маҷмӯи низомҳои инфрасохторӣ, ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, расидан ба рушди устувори ҳудудҳои деҳот басанда хоҳад буд.

Дар автореферати мазкур мубрамияти мавзӯъи рисолаи диссертатсионӣ, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, объекту матлаби таҳқиқот, асоснок кардани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар минтақаҳои сераҳолӣ ва пешниҳоди амалӣ оиди такмилдиҳии онҳо нишон дода шудаанд.

Омӯзиши автореферати пешниҳодгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои гузошташуда ҳалли худро ба пуррагӣ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур дорой навгониҳои зиёди илмӣ буда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он назаррас мебошад. Автореферати мазкур аз таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ-тахассусӣ иборат буда, дар он натиҷаҳои таҳқиқотӣ, ба даст оварда шудааст, инчунин ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳое, ки таҳия шудаанд, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронида шуда ҷой дода шудаанд. Автореферати мазкур ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат дорад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо мушоҳида карда мешаванд:

1. Дар саҳифаҳои автореферат ба гуфтаҳои олимони ватаниву хориҷӣ иқтибос оварда нашудааст;

2. Дар матни таҳқиқи автореферат хатогиҳои имлоӣ мушоҳида карда мешавад.

Вале таъкид намудан ҷоиз аст, ки камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқотҳои гузаронидаи диссертантро кам намекунанд.

Дар маҷмӯъ тадқиқоти гузаронидашуда ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави муаммои таҳқиқшаванда мебошад. Аз ин лиҳоз хулоса кардан мумкин аст, ки мақсади рисолаи илмии диссертатсионӣ ноил гашта, вазифаҳои дар пешбурди иҷро шудаанд.

Ҳамин тавр метавонем зикр намуд, ки автореферати диссертатсияи илмии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мӣсоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод карда шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Муқарриз, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳайитбоева Н.А.**

Суроға: 735700 шаҳри Хуҷанд маҳаллаи 17 хонаи 1,
Тел: 2 – 38 – 11, http://www.tsulbp.tj

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС